**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек дар мавзуи «Вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии осори Абуабдулоҳи Рӯдакӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Масъалаи омӯхтани вижагиҳои вожагони забони осори ниёгон ва аҳли адаби классикии тоҷик ба комёбиҳои назаррасе ноил гардидааст, бо вуҷуди ин, баъзе масъалаҳое, ки ҳаллу фасли худро то кунун наёфтаанд. Дар ин самт таҳқиқи вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ яке аз масъалаҳои зарурӣ дар забоншиносии тоҷик ба ҳисоб меравад.

Устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ шоири барҷаставу нотакрорест, ки таҳлили ашъори ӯ **мубрам буда**, барои таҳқиқгарони соҳаи забоншиносӣ аз манфиат холӣ нест.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсияи Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек таҳти унвони «Вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии осори Абуабдулоҳи Рӯдакӣ» бармеояд, ки таҳлил ва омӯзиши мавзуъ ба таври хуб ҳалли худро ёфтааст. Бояз зикр намуд, ки ҳар як шоир ё нависанда, дар осораш вокеияти замони худро ба тасвир мекашад. Аз ин рӯ, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳам дар ашъораш замони зиндагии худро бо забони шевои тоҷикӣ тасвир намудааст.

Диссертатсияи номзадии Ҷурабекзода Ф. Ҷ. ба яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносӣ бахшида шуда, маводи фаровонеро таҳқиқу баррасӣ кардааст, ки барои забоншиносон маводи хуб дода метавонад.Мутобиқи автореферат дисертатсия аз ихтисоршудаҳо, мукаддима, ду боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳкик иборат аст. Дар мукаддимаи автореферат зарурату муҳиммияти интихоб ва пажуҳиши мавзуъ, назари олимони забоншиноси ватаниву хориҷӣ оид ба мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, максаду вазифа, объект ва мавзуи таҳкик, навоварии он, асосҳои назариявии таҳқик, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсия, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, натиҷаҳои таҳқикот, ҳаҷм ва сохтори диссертатсия нишон дода шудааст.

Ҳар як боби диссертатсия бо як низоми муайян бандубаст гардида, ҳар кадом паҳлуҳои гуногуни таҳқиқотро фарогир мебошанд.

**Боби аввал «Таҳқиқи қабатҳои луғавии осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ»** номгузорӣ шудааст, ки се фаслро дар бар мегирад. Муҳаққик дар ин боб ҷиҳати назариявии диссертатсияро матраҳ намуда, атрофи маънои истилоҳии соматизмҳо маълумоти муфассал ва таври зарурати онро баён намуда, соматизмҳои осори устод Рӯдакиро ба таври васеъ мавриди баррасии илмӣ карор додааст.

**Боби дуюм «Таҳқиқи сохтории таркиби луғавии ашъори устод Рӯдакӣ»** ном дорад, ки дорои чор фасл мебошад. Ҳар фасл ҷанбаи ҷудогонаеро фаро гирифта, моҳияти таҳқиқи сохтории осори адабии давраҳои гуногуни таърихи адабиамон мубрам арзёбӣ шудааст. Зикр мегардад, ки таҳқики

калимаҳои сохтаю мураккаб дар шеъри устод Рӯдакӣ, ки аввалсухани шеъри тоҷикӣ марбут ба ӯст, барои муайян кардани рушду тараккии зина ба зинаи масъалаи мазкур мусоидат мекунад.

Дар хулоса муаллифи диссертатсия фикру андешаҳои худро дар дувоздах банд ҷамъбаст кардааст, ки мазмуну моҳияти илмии корро фаро мегиранд. Ҳамчунин, диссертант дар чор банди дигар «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ»-ро овардааст, ки барои мутахассисон муфид мебошанд.

Мавзуи интихобнамудаи диссертант ҷолибу мубрам буда, таҳқиқоти ӯ аз чанд ҷиҳат дорои афзалияти илмӣ аст: а) пажуҳиш дар асоси ашъори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки осори арзишманди манзуми бадеии давраи аввали классикӣ мебошад, сурат гирифтааст; б) таҳқиқ бо ҷалби мисолҳо дар асоси қабатҳои луғавӣ ва таркиби луғавии осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба анҷом расидааст.

Аз мундариҷаи автореферат чунин ба мушоҳида мерасад, ки муҳаккик дар таҳқиқоти худ, асосан, ба маводи марбут ба соматизмҳо, калимаҳои ифодакунандаи шахс ва хусусиятҳои вожагонию калимасозии осори устод Рӯдакӣ таҳқиқи илмӣ анҷом додааст.

Лозим ба зикр аст, ки ҳадаф ва вазифаҳои диссертатсия тавассути ду боби он - «Таҳқиқи қабатҳои луғавии осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» ва «Таҳқиқи сохтории таркиби луғавии ашъори устод Рӯдакӣ» амалӣ гардидааст.

Автореферати диссертатсия бо забони равону фаҳмо ва фасеҳ таълиф гардида, бешубҳа, натиҷаҳои кори таҳқиқотии унвонҷӯйро инъкос мекунад. Аз саҳифаҳои автореферат чунин ба назар мерасад, ки муҳаққиқ аз корҳои илмии олимони шинохтаи соҳа огаҳӣ дорад ва дар баробари эҳтироми илмӣ гузоштан ба андешаҳои донишмандони забоншинос фикрҳои шахсии худро низ бо далелҳои мушаххас баён намудааст.

Ҳамин тавр, кори диссертатсионии Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек дар мавзуи «Вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии осори Абуабдулоҳи Рӯдакӣ» дорои арзиши назарраси илмӣ буда, дар баробари дастовардҳо дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ба чашм мерасанд:

1. Дар кор аз ҷониби муҳаққиқ нишондодҳои зиёди оморӣ оварда шудааст. Хуб мебуд онҳо дар шакли нақша, диаграммаҳо оварда мешуданд;
2. Дар матни автореферат баъзан ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (саҳ. 9, 16) ба назар расид, ки ислоҳи онҳо ҳусни корро беҳтар мегардонад.

Камбудиҳои зикршуда ҷузъӣ буда, арзиши умумии илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Таҳқиқоти мазкур аз ҷиҳати фарогирӣ ва таҳлили мавод, истифодаи осори илмӣ комил буда, кори илмии баанҷомрасида маҳсуб мегардад. Муаллиф оид ба мавзуъ мақолаҳои илмиро дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст, ки муҳтавои

диссертатсияро инъикос мекунанд. Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ, мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ҷавобгӯ мебошанд.

Диссертатсияи номзадии Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек дар мавзуи «Вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии осори Абуабдулоҳи Рӯдакӣ» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз: номзади илмҳои филологӣ,**
**дотсенти кафедраи забон ва фарҳанги**
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ**
**ва соҳибкории Тоҷикистон** **Амонова Муслима Нуровна**

**Имзои М.Н.Амоноваро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва**
**соҳибкории Тоҷикистон** **Ҷураев Шоҳрух Неъматович**

**Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5**
**Почтаи электронӣ:**
**Телефон: (992 37) 2348800(03): (+992 37) 2348802**

**8-уми апрели соли 2024**